**Тақриз**

**ба диссертатсия ва автореферати Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Дар раванди ҷаҳонишавии тамоми қишрҳои зиндагии ҷомеаи муосири инсонӣ, миллати бофарҳанги тоҷик бахри пойдору устувор нигоҳ доштани пояҳои давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, ки дар рушду такомули илму фарҳанг ва ахлоқу маънавиёти миллӣ талошҳои зиёдеро ба сомон расонида, ҷаҳду ҷидол бар он карда истодааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи кишварҳои мутараққии олами имрӯза бошад.

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти раванди ислоҳоти таҳсилот, рушд ва такмили методология ва технологияи омодагии мутахассисон ва ба амал баровардани онҳоро дар асоси талаботи ҷомеаи кунунӣ ва стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот тақозо менамояд.

Мусаллам аст, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати раванди тарбияи хонандагон дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтор, гуфтор ва муносибати нав, алалхусус муносибати ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди бозоргониро талаб менамояд.

Имрӯз, таҷриба ва мушоҳидаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба масъалаи ахлоқ ва маънавиёти хонандагон, ба вижа худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мувофиқи талаботи замон таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад. Аз ин ҷост, ки бештари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди ташкил карда гузаронидани корҳои (чорабиниҳои) тарбиявӣ дар ташаккул ва рушди ҳисси худшиносии насли наврас оид ба истифодаи роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои он ба монеаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Тавре ки мо худ шоҳид ҳастем, дар ҷомеаи ҷаҳонии муосир, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ воқеаҳо ва ҳодисаҳои зиёде ба вуқуъ пайваста истодааст, ки аз паст рафтану хароб гаштани ахлоқ ва маънавиёти инсонӣ, ба вижа худшиносии миллии насли ҷавон ва наврас шаҳодат медиҳанд.

Аз ин мавқеъ, имрӯз дар назди ҷомеаи муосир яке аз вазифаҳои умдатарине, ки меистад ин солим гардонидани ахлоқ ва маънавиёти худи ҷомеа ва дар заминаи он тарбия намудани ҳисси худшиносиву худогоҳии миллии ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Дар амалӣ намудани масъалаи мазкур ба омӯзгорон, падару модарон ва тамоми кормандони соҳаи маориф

зарур аст, ки ба масъалаи дар руҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намудани хонандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Чунки давраи наврасӣ барои инсон давраи синнусолии муҳиме ба ҳисоб меравад, ки маҳз дар ҳамин марҳала шахсияти ӯ, хусусан ҳисси худшиносию худогоҳии миллӣ ташаккул ва рушд меёбад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, аз ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад.

Диссертатсия ва автореферати он ба мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ» бахшида шудааст, ки дар марҳалаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва раванди ислоҳоти илм, маориф ва фарҳанг бениҳоят шарт ва зарур мебошад.

Диссертант дар асоси омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводи мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-9) рисоларо роҳандозӣ намуда, фикру ақида ва хулосаҳои худро дар асоси нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо вобаста ба мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳодшуда, арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқ ва муносиб мебошанд.

Арзишмандии рисолаи илмии мазкурро метавонем ба тариқи зайл баҳогузорӣ намоем:

Диссертант мақсад, объект, мавзуъ (предмети) таҳқиқот ва ҳамзамон фарзияи таҳқиқотро муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро роҳандозӣ кардааст.

Унвонҷӯ, масъалаи методҳои методологии таҳқиқотро бо дарназардошти мақсад, объект, предмет ва вазифаҳои гузошташуда, ба восита ва истифодаи дурусти методҳои таҳқиқот мавриди амал қарор додааст. Тадбирҳо ва хулосаю тавсияҳои методии андешидаю ва пешниҳоднамудаи муҳаққиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии (синфҳои 5-9) ҷумҳурӣ ишора гардидааст. Унвонҷӯ ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқот аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои ҳуқуқию меъёрии ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, осори классикони тоҷик, адабиёти гуногуни фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, илмӣ-методӣ ва дигар асарҳои олимони соҳавиро истифода намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода ёфтааст, ки:

– рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти мустақил оид ба тарбияи худшиносии миллии хонандагони синфҳои 5-9 ба ҳисоб меравад;

– ақидаҳои педагогии беҳтарин намояндагони классики тоҷику форс ва муосир мавриди таҳлил қарор дода шудаанд;

– дастурҳои методӣ ва мақолаҳои нашршуда, дар баланд бардоштани сатҳу сифати тарбияи худшиносии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия дастгоҳи (аппарат)-и илмӣ аз ҷониби муҳаққиқ интихоб шуда, дар он зарурати мавзуи таҳқиқот, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ, навгониҳо, марҳалаҳо ва дигар нуктаҳои муҳимми таҳқиқот мушаххас пешниҳод карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, масъалаҳои тавсифи мафҳуми худшисноӣ ҳамчун падидаи адабӣ, фалсафӣ ва педагогӣ, заминаҳои муҳимми омода намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар руҳияи худшиносӣ, ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро дар шароити ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамчунин, дар боби мазкур масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳисси худогоҳӣ ба худшиносии миллии насли наврас, ки дар вазъи кунунии ҷомеаи соҳибистиқлоли ҷумҳурии мо яке аз масъалаҳои муҳимми давр ба ҳисоб меравад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби мазкур, муҳаққиқ масъалаи тарбияи ҳисси худшиносии миллии хонандагонро як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таҳсилот ҳисобида, ба он андеша аст, ки маҳз ин раванд дар хонандагон илму дониш, ақлу хирад ва фазилаҳои неки ахлоқи инсониро рушд бахшида, ҳамчун шахси баркамол ба воя мерасонад.

Боби дуюми диссертатсия ҳамчун давоми боби аввал буда, дар се зербоби алоҳидаи он мазмун, моҳият ва муҳтавои асосии рисолаи мазкур ба таври пурра инъикос ёфтааст.

Дар боби мазкур, масъалаҳои мақсад, вазифаҳо арзёбӣ ва шарҳи натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, таҳқиқотӣ-таҷрибавӣ, дар амал татбиқ намудани коркарди маълумоти омории санҷишии бадастомада оид ба тарбияи ҳисси худшиносии миллии хонандагон, натиҷа, хулоса, пешниҳод оид ба корҳои санҷишии гузаронидашуда дар тарбияи худшиносии миллии хонандагон мавриди таҳлил қарор дода шуда, маълумоти муфассал пешниҳод карда шудааст.

Дар боби дуюм, натиҷаи коркарди маълумоти омории санҷиши ба дастомада дар шакли ҷадвал ва диаграмма пешниҳод шудааст, ки ин тарзу кори муҳаққиқ қиммати илмии таҳқиқотро меафзояд.

Ёрматов А.Ҷ. бо мақсади омӯзиш ва шинос шудан ба вазъи масъалаи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон, кӯшиш ба харҷ додааст, бо роҳи таҳлили мундариҷаи барнома ва методҳои истифодашаванда, рушд ва такмили раванди

тарбияи худшиносии миллии хонандагон тавассути пешниҳод ва тавсияҳои методӣ ба раванди мазкур равшанӣ андозад.

Дар охири диссертатсия хулосаи умумии таҳқиқот ва пешниҳоду тавсияҳои методие, ки муҳаққиқ пешкаш намудааст, ба мақсаду вазифаҳои таҳрезишуда мувофиқат менамоянд.

Дар фароварди диссертатсия, муҳаққиқ натиҷаи асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи амалӣ дастовардҳои таҳқиқотро пешкаш намудааст, ки метавонанд дар ҳалли масъалаҳо ва такмили раванди тарбияи хонандагони (синфҳои 5-9) дар руҳияи худшиносӣ таъсири мусбати худро расонад.

Мазмуни автореферат ва маводи банашррасонидашуда ба мазмуни диссертатсия мувофиқат карда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Қобил ба зикр аст, ки забон, тарзи навишт ва услуби баёни мавод ва нуктаҳои асосии илмӣ-таҳқиқотӣ ба талаботи забони тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур аз мавқеи муҳиммият, тарзи масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша фаҳмо, суфта ва равон ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия ва маводи нашрнамуда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ёрматов Алишер ҳамчун олими баландихтисос метавонад мустақилона дар самти интихобкардаи худ корҳои илмӣ-таҳқиқотиро роҳандозӣ намояд.

Ба арзишмандии кори илмӣ-таҳқиқотӣ нигоҳ накарда, мехоҳам таваҷҷуҳи унвонҷӯро ба камбудиҳо ва норасоиҳое ҷалб намоям, ки дар беҳтар шудани сифати диссертатсия метавонад таъсири мусбат расонад:

1. Агар унвонҷӯ ба масъалаи ҳамкории мактаб бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард, ба манфиати кор мебуд.

2. Муҳаққиқ корҳои таҳқиқотии худро дар МТМУ-и шаҳр ва ноҳия ташкил карда гузаронидааст, ба андешаи мо агар муҳаққиқ маълумоти мактабҳои шаҳру ноҳияҳоро муқоиса карда, аз натиҷааш хулосаи худро пешниҳод мекард, ба манфиати кор мебуд.

3. Дар боби 1, параграфи 3 масъалаи ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи хонандагон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ҳалли ин масъала, муҳаққиқ ба олимони машҳури шуравӣ ба монанди Макаренко А.С. ва Сухомлинский В.А. такя кардааст. Ба андешаи мо, агар муҳаққиқ дар ҳалли проблемаи мазкур ба мутафаккирони бузурги форсу тоҷик Ибни Сино, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон ё олимони муосири тоҷик, ки бевосита дар ин самт таҳқиқот доранд, ба монанди Баён Раҳимов, А. Нуров ба манфиати кор мебуд.

4. Агар дар рӯйхати адабиёти дисертатсия номгӯи адабиёт оид ба технологияи педагогикаи ҳамкорӣ бештар мешуд, аз фоида холӣ намебуд.

5. Дар диссертатсия ва автореферат хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

Вале бояд таъкид кард, ки ин камбудиҳои дар боло ишорашуда ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти гузаронидаи Ёрматов Алишер Ҷолматович таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсия ва автореферати Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи "Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав — Абдураҳимзода Қудратулло Саид

28.08.2022

Имзои Абдураҳимзода Қ.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори ШК Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ.
28.08.2022

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ"
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
735140, ш.Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67
Тел: (+992) 3222-2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru
Сомона: http //btsu.tj